МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ
“ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

СИЁСАТИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ ИХТИСОСИ КОРИ ТАБОБАТӢ ДАР СОҲАИ СОҲАИ СИФАТ

Сиёсати факултети тиббӣ ихтисоси кори табобатӣ ба таъмин кардани хатмкунандагони рақобатпазир дар бозори миллӣ ва ҷаҳонии хизматрасонии таҳсилотӣ, ба даст овардани мақсадҳои стратегии факултет ва беҳтар сохтани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, илмӣ ва тиббӣ равона карда шудааст.

Пешниҳоди таҳсилоти тиббии дорои заминаи миллӣ ва эътирофи ҷаҳонӣ баҳри омодасозии кадрҳои салоҳиятнок ва мусоидат ба рушди фаъолияти илмӣ дар соҳаи тандурустӣ.

Таъмини адолат дар дастрасӣ ва иштироки баробар дар ҳама зинаҳои таҳсилот барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дар тамоми тӯлӣ ҳаёт.

Қонеъ гардонидани талаботи шахс дар самти рушди қобилияти зеҳни фарҳангӣ ва аҳлоқӣ тавассути гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд азмуассисаҳои олии таълимӣ дар соҳаи интихобкардаи фаъолияти касбӣ.

Қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва давлат ва мутахассисони баландихтисоси соҳаи тиб.

Таҳия ва тадбиқи дастоваврдҳои навтарини илм усулҳои нави ташхис ва табобат аз ҷониби табибони донишкада.

Ҳифз ва арзишҳои аҳлоқӣ,ватандустӣ,фарҳангӣ ва илмии донишҷӯён.

Пайваста баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии кормандони илмӣ-педагогӣ бо роҳи ворид карадни шаклҳои муосир ва усулҳои тайёр кардани онҳо (такмили ихтисос, истифодаи технологияҳои навини педагогӣ дар раванди таълим); Таъсис комплексҳои илмӣ-таълимӣ ва клиникӣ барои такмил додани раванди таълим ва баланд бардоштани потенсиали илмӣ;

Рушди инфрасохтор ва базаи моддӣ-техникии донишкада

Ташкил додани системаи менеҷменти сифат ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии донишкада.

Дар сатҳи байналмиллалӣ мувофиқ намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ

Дар татбиқи Сиёсат дар соҳаи сифат ҳар як корманди донишкада иштирок мекунад ва дар доираи салоҳиятҳои худ масъулиятнок аст.

Декани факултети тиббӣ н.и.ф. **Ризоева Г.И.**

ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ